«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», профессор Давлатзода С. Х.
________________________
«19» __________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи пешбар –Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия ва автореферати Ияброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Ташаккули давраҳои забони адабӣ дар таърихи инкишофи забон ва фарҳанги халқу миллат марҳилаи муҳим ба шумор меравад. Забони адабӣ категорияи таърихӣ буда, пайдоиши он ба омилҳои зиёди ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқталаб дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода ба ҳисоб рафта, онҳо бо ҷараёни инкишоф ва рушди сохтори грамматикии забон алоқаи наздик доранд. Ҳамаҷониба омӯхтани онҳо имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои семантикӣ ва функсионалии қолабҳои наҳвӣ ба таври васеъ ва амиқ таҳқиқ шаванд.

Ибораю ҷумла воҳидҳои гуногуни наҳв буда, тафовути маъноию вазифа ва хусусиятҳои сохторӣ ба муродифоти онҳо низ таъсир

мерасонад, зеро ҷумла воҳиди коммуникативӣ, ибора воҳиди номинативии забон аст, ки дар натиҷаи алоқаи семантикии ҷузъи асосӣ бо тобеъ ба вуҷуд меоянд.

Интихоб ва истифодаи дурусти қолабҳои гуногуни наҳвӣ, хусусан ибора ва ҷумла, барои саҳеҳ, пурра ва дақиқ ифода кардани фикр мусоидат мекунанд. Таҳқиқи воҳидҳои ҳаммаъноӣ наҳвӣ дар асоси маводи халқӣ – «Чор дарвеш» имконият медиҳад, ки муродифоти грамматикӣ ва услубии онҳо ба таври васеъ омӯхта шавад.

Ҳамин аст, ки ин масъалаи мубрам дар диссертатсияи номзадии Иброимова Гуландом Наимовна таҳти унвони «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф, усулҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ-таҳлилӣ, тафсирӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, тарзи таъвизшавӣ (трансформатсия), инчунин усули чандомад истифода карда шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар доираи мавзуи мазкур як қатор мақолаҳои муаллиф ба табъ расидаанд, ки дар оянда аз он муҳаққиқони дигар метавонанд истифода намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.**

Бори аввал қолибҳои ҳаммаънои маводи насри классикӣ бо як низоми муайян омӯхта шуда, муродифоти наҳвӣ, яъне ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода тасниф мегарданд. Ҳамчунин, умумият ва тафовути қолибҳои муродиф дар ифодаи ин ё он маъно муқаррар карда шуда, муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар заминаи қолибҳои муродифшавандаи имконпазир, ки ба умумияти маъно далолат менамояд, нишон дода мешавад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.**

Таҳқиқи қолибҳои ҳаммаънои наҳвиро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои муродифоти наҳвии забони тоҷикӣ зимни муайян намудани қолибҳои наҳвӣ истифода бурдан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳои муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ибора ва ҷумла, ҷараёни инкишофи минбаъдаи наҳвии забони тоҷикӣ аҳамияти калони назариявӣ дорад. Дар ҷараёни таълими услубшиносӣ, наҳв, курси махсуси муродифоти грамматикӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи муассисаҳои олӣ хизмат хоҳад кард. Истифодаи таҳқиқи мазкур дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқ ва услубшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар фаъолияти устодони каломи бадеъ, кормандони матбуот, радио, телевизион ва тарҷумаҳо судманд хоҳад буд. Маводи диссертатсия дар интихоби калима, ибора, қолибҳои наҳвӣ ва ифодаи тобишҳои нозуки маъноӣ мадад мерасонад. Ин аст, ки самти асосии таҳқиқи ин диссертатсия маҳз ба ҳамин масъалаҳои муҳим бахшида шудааст. Таҳқиқу баррасии ин масъала аз тарафи муҳаққиқ Иброимова Гуландом Наимовна саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ гардида, дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл ва зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна роҷеъ ба

аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, равиши таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ибрози андеша намуда, ба нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ишора кардааст ва дар идома ба таҳқиқи масъалаҳои асосии диссертатсионӣ пардохтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ»** номгузорӣ шуда, ҷанбаи назариявӣ дорад. Дар ин бахши диссертатсия унвонҷӯ ба масоили «Матолиби муқаддамотӣ», «Баррасии муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик», «Таҳқиқи муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии рус», «Таҳқиқи ибора, ҷумла ва муродифшавии онҳо дар адабиёти шевашиносӣ» таваҷҷуҳ намуда, сайъ варзидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти марбут ба ин мавзуъ ва ҷамъоварии маводи забони зиндаи гуфтугӯӣ ба забони адабии хаттӣ ва забони халқ, ки дар осори насри ривоятӣ мавқеи махсус дорад ва дар мисоли забони «Чор дарвеш» муайян ва мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Диссертант дар ин қисмати диссертатсия роҷеъ ба таҳқиқи муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии рус, ки ҳанӯз дар солҳои 1920-1930-юми асри гузашта то ҷое таҳқиқ шудааст, таваҷҷуҳ намуда, дар мавриди зарурӣ ба онҳо такя намудааст. Доир ба ин масъала диссертант қайд намудааст, ки минбаъд дар корҳои олимони рус Ф. Ф. Фортунантов, А.М. Пешковский, В. В. Виноградов, А.Н. Гвоздев, И. И. Ковтунова, А. А. Шахматов ва дигарон паҳлуҳои гуногуни ин масъала инъикос ёфта, то қадри имкон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, доир ба ибораву ҷумлаи сода, сохт ва навъҳои алоқаи онҳо масъалаи баҳси воҳиди синтаксис будан ё набудани онҳо дар миёни олимони рус ақоиди гуногун ба назар мерасад. Дар забоншиносии рус доир ба ибора ва ҷумла андешаҳои мухталиф дида мешаванд, ки дорои мафҳумҳои гуногуни семантикӣ ва қабатҳои гуногуни услубианд. Олимони рус доир ба масъалаи ибора ва ҷумлаҳои сода андешаҳои гуногун доранд.

Аз муҳтавову фароварди ин бахши диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ ба сарчашмаҳои хеле зиёд рӯ оварда, онҳоро омӯхта, нуқтаи назари муҳаққиқонро доир ба масъалаи назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳои зарурӣ барвардааст.

Дар маҷмуъ, боби аввали диссертатсия аҳамияти баланди илмӣ – назариявӣ дошта, барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ доир ба муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забон, инчунин, ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти дигари илмӣ доир ба муродифоти ибора ва ҷумла ба таври васеъ истифода шуда метавонад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Қолибҳоиибораҳои номии изофии ҳаммаъно дар «Чор дарвеш»** унвон дошта, он аз чаҳор фасл таркиб ёфта, дар он масоили муродифоти қолабҳои ибораҳои исмии изофӣ, муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора, муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шуморавӣ дар «Чор дарвеш» ва муродифоти ибора бо калимаҳои мураккаб мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифтаанд.

Масалан, дар фасли аввали ин боб муҳаққиқ доир ба масъалаҳои муродифоти ибораҳои исмии изофӣ зикр намудааст, ки яке аз навъҳои ибора, ки на танҳо дар «Чор дарвеш», балки дар забони тоҷикӣ низ мавқеи устувор дорад ва ниҳоят серистеъмол аст, ибораҳои изофӣ мебошад. Назар ба дигар ҳиссаҳои нутқ исм дар сохтани ибораҳои изофӣ сермаҳсул аст. Ҳамчунин, дар идомаи ҳамин гуфтаҳо муҳаққиқ қайд намудааст, ки мо ибораҳои исмии изофии «Чор дарвеш»-ро вобаста ба мансубияти ҷузъи асосӣ ва тобеъ ба ҳиссаҳои нутқ гурӯҳбандӣ намудаем. Ибораҳои исмии изофӣ дар асари мазкур чунин ҳиссаҳои нутқро ба худ тобеъ кардааст: исм, сифат, шумора, ҷонишин, сифати феълӣ ва зарф. Муҳаққиқ тавонистааст вобаста ба вазифаҳои гуногуни ин навъи ибораҳо дар диссертатсия мисолҳои зиёде оварад.

Масалан: ибораҳои исмии изофии қолиби «исм+бандаки изофӣ+исм»:

талаби кӯкнор[1], ҷойи гузаргоҳе [с. 45], марди тоҷир [с. 85, 87, 95], димоғи ёрон [с. 90], амри подшоҳ [с. 103], ҷойи амн [с. 130], марди мизбон [с. 145, 2].

Диссертант дар фасли дуюми ин боб низ таҳқиқи судманд анҷом дода, роҳҳои иборасозӣ ва алоқаи калимаҳоро дар ибораро, хосса дар «Чор дарвеш» мутаносибан баррасӣ карда, чунин зикр мекунад, ки муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора ба муродифоти ибораҳои изофӣ бо ибораҳои вобастагӣ пешояндӣ ва пасояндӣ, ҳамроҳӣ ва баръакс бахшида шудааст.

Аз таҳқиқи диссертант дар ин бахши диссертатсия дида мешавад, ки аз миёни навъҳои ибораҳои номӣ сермаҳсултаринаш ибораҳои исмӣ мебошанд. Онҳо як мазмунро чанд тариқа ифода карда, ба муродифшавии қолибҳои гуногуни наҳвӣ мусоидат намудаанд. Ибораҳои сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишинӣ дар раванди муродифшавӣ, нисбатан каммаҳсул ва ҳатто бемаҳсул мебошанд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»,** фарогири се фасл буда, дар он масъалаҳое ба мисли муродифоти хелҳои комуникативии ҷумлаҳои сода, муродифоти қолибҳои аслӣ ва муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ таҳқиқ гардидааст.

Диссертант дар фасли аввали ин боб қайд намудааст, ки дар «Чор дарвеш» маънои тасдиқ бо роҳу воситаҳои гуногун ифода ёфтааст. Як роҳи ифодаи он бо ёрии ҳиссачаи саволии ***оё*** мебошад. Ин ҳиссача, нисбатан камистеъмол буда, хоси забони адабии китобист.

Ҳамчунин, диссертант доир ба ин навъи ҷумлаи сода мисолҳои гуногун аз асар оварда, ба ин тариқ гуфтаҳои худро асоснок намудааст, ба мисли: *Оё боиси ғамат чист? [с. 12]; … оё аз куҷо ва чаро ин заҳмат ва ранҷ ба ӯ расида [с. 20]; Оё кадом золим ин зулм бар ту раво дида…? [с. 49]; ин зулм ба ту аз куҷо расид? [с. 20].*

---

Маврид ба зикр аст, ки ҳамин гуна мисолҳо ба таври мувозӣ дар ҳар як бахши кор ба чашм мерасад, ки мувофиқу муносиб оварда шудаанд.

Диссертант дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия доир ба муродифоти қолибҳои аслӣ ва ҳосила таҳқиқот бурда, аз «Чор дарвеш» ҷумаҳои зиёдро дар ин мавид ҳамчун намуда овардааст. Дар идомаи ҳамин гуфтаҳо унвонҷӯ зикр мекунад, ки дар «Чор дарвеш» ҷумлаҳое дучор омаданд, ки дар қолибҳои гуногуни наҳвӣ ба як маъно далолат мекунанд. Ҳамчунин, диссертант ҷумлаҳои зеринро ҳамчун намуна овардааст: *Ман рухсат додам, ки дароянд[с. 16]. Ҷарроҳ он моҳро рухсати ҳаммом дод[с. 23].*

Яке аз корҳои муваффақонаи диссертант дар он аст, ки ӯ роҷеъ ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар «Чор дарвеш» маълумоти зарурӣ дода ва ҳатто ҷумлаҳои яктаркибае, ки хабарашон ба шахси якуму дуюми танҳову ҷамъ далолат мекунанд ва мундариҷаи онҳоро дар қолиби ҷумлаҳои содаи дутаркиба баён кардан имконпазир аст, чандин намуна овардааст:

*– Аз гуфтаву ваъдаат ҳамин қадар зуд мегардӣ[с. 25] // Ту аз...; Се рӯзи дигар ҳам бо сӯз ба сар бурдам [с. 16] // Ман се рӯзи …; Бинобар ин тағйири либос карда ба Шом рафтам [с. 45] // Бинобар ин ман …; – Подшоҳзодаи париёнам! [с. 161] // Ман подшоҳзодаи…; …подшоҳзодаи вилояти Чинам [с. 173].*

Дар идомаи ҳамин гуфтаҳо диссертант боз иброз медорад, ки дар «Чор дарвеш» ҷумлаҳои содаи дутаркибаеро дучор омадем, ки айни як маъноро ифода кардаанд ва мазмуни онҳоро дар қолиби ҷумлаи содаи яктаркиба баён намудан мумкин аст: – *Эй нозанин, банда мардеам яманӣ [с. 20] // … марди яманиам // … аз Яман ҳастам // …аз хоки Яманам; …аҳли байти мо аз хоки Яман аст [с. 21].*

Аз ин гуфтаву мисолҳои овардаи диссертант маълум мегардад, ки ӯ ҳар як қисмати корро бо гуфтаҳои судманду асоснок пурраву ҷамъбаст намудааст, ки аз товоноии муҳаққиқ дар ҷодаи илм гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамчунин, муҳаққиқ дар таълифи диссератсия аз дастовардҳои навини олимон ва пажуҳишҳои дигар бамаврид истифода бурда, иқтибосҳо овардааст, ки онҳо ба афзудани арзиш ва сифати кор мусоидат кардаанд.

Хулосаҳои муаллиф, ки дар 17 банд оварда шудаанд, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаро баён ва илман асоснок менамоянд. Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар 5 банди алоҳида оварда шудааст, ки ба мазмуну муҳтавои кор мувофиқу ҷавобгӯй мебошанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи мухтасари диссертатсияро баён менамояд. Варианти русии автореферат ба варианти тоҷикии он мувофиқат мекунад.

Таълифоти интишорнамудаи диссертант ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия мутобиқат мекунанд. Рӯйхати адабиёт сарчашмаҳои вобаста ба мавзуи таҳққиқро ба таври хеле мукаммал фаро мегирад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» кори илмии анҷомёфта буда, ҷанбаи қавии назариву амалӣ дорад, ки ин баёнгари дарки паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқ аз тарафи диссертант мебошад. Бо итминон метавон гуфт, ки кори диссертатсионии Иброимова Гуландом Наимовна дастоварди хуб дар соҳаи забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, барои таҳқиқоти минбаъда, махсусан муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода, мусоиду бамаврид аст.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар кори илмӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳтар гардидани мазмуну муҳтаво ва сифати таҳқиқоти минбаъдаи муаллифи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар зерфасли чоруми боби якум, ки “Таҳқиқи ибора, ҷумла ва муродифшавии онҳо дар адабиёти шевашиносӣ” ном гирифтааст, диссертант номи якчанд олимони шевашиноси ватанию хориҷиро зикр кардааст, аммо дар рӯйхати адабиёт оварда нашудааст.

2. Дар саҳифаи 98-и диссертатсия, дар рӯйхати омории 11 қолаби зикргардидаи баъзе калимаҳо дар натиҷаи фурӯгузории воҳидҳои фразеологӣ ҳосил шудаанд. Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологии аз исм+сифат сохташуда калимаи “хушдил”-ро исм+сифат гуфтааст, ки хатост. Вожаи “хушдил” сифат+исм мешавад.

3. Дар саҳифаи 78 диссертант ибораҳоеро мисол овардааст, ки ҷузъи тобеашонро шумора гуфтааст, ки ғалат аст. Ин мисолҳо бештар бо шумораҳои тартибӣ омадаанд. Ба монанди “рӯзи аввал”, “нишонаи аввал”, “даври аввал”. Хуб мешуд, ки диссертант мисолҳои ишорашударо бозбинӣ мекард.

4. Дар саҳифаи 25 сархати дуюм “ба мисли таҳқиқгарони дигар” оварда шудааст, ки маълум нест ба кадом муҳаққиқон муқоиса шудааст.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва теҳникӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Эроду пешниҳодҳои зикршуда ҷузъӣ буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд, арзиши илмии диссертатсияро низ кам нахоҳанд кард.

**Мутобиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи **КОА**-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «**Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»** ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" 13-уми майи соли 2023, суратҷаласаи № 10 бо иштироки унвонҷӯ муҳокима ва қабул шуд. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -10 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

**Эксперт:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Саидов Ҷаббор Зубайдович

**Котиби илмии ҷаласа:** номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович

Имзои Назаров М.Н., Саидов Ҷ.З., ва Раҳмонов М.Б.-ро **тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МТД «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Тел: (+992-32-22), 2-45-20, 2-22-53, 2-54-81.
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj

«17» майи соли 2023.